АМОНАТБОНК
www.amonatbonk.tj

Амонатбонк фаъолияти худро дар нимсолаи якуми соли љорї дар асоси дастуру супоришњои Паёми солонаи Асосгузори сулњу Вањдати миллї, Пешвои миллат, Президенти Љумњурии Тољикистон, муњтарам Эмомалї Рањмон, Ќонуни Љумњурии Тољикистон «Дар бораи Буљети давлатии Љумњурии Тољикистон барои соли 2017», Ќарори Њукумати Љумњурии Тољикистон аз 30.12.2016, №531 «Дар бораи натиљањои рушди иљтимоию иќтисодии Љумњурии Тољикистон дар соли 2016 ва вазифањо барои соли 2017» ва наќшаи самтњои асосии фаъолияти Бонк барои соли 2017 ва наќшаи чорабиниљои зиддибуњронї дар ин давра ба роњ мондааст.

Амонатбонк бо шумораи наздики 3 њазор нафар кормандон тавассути 551 адад марказњои хизматрасонии бонкї ва 75 филиал дар ќаламрави чумњурї хизматрасонї менамояд.

Ба санаи 30 июни соли 2017 дороиҳои Бонк маблаѓи 3,1 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба њамин давраи соли 2016 ба андозаи 14% афзудааст. Пардохтпазирии Бонк дар сатҳи баланд нигоҳ дошта шуда, маблаѓҳо сари вақт ба ҳисобҳои дахлдор гузаронида шуданд.

Њаҷми сармояи умумии Бонк маблаѓи 334,3 млн. сомониро ташкил намудааст, ки нисбат ба њамин давраи соли гузашта 38% зиёд мебошад.

Бо вуҷуди идома доштани таъсири манфии омилҳои берунї, рушди босуботи соња нигоҳ дошта шуда, иҷрои нишондиҳандаҳои асосї тибқи ҳадафҳои афзалиятнок таъмин гардида истодааст. Аз љумла, вазъи даромаднокии Бонк дар муќоиса ба њамин давраи соли гузашта ба маротибњо бењтар шуда, даромади софи Бонк дар шаш моњи соли љорї ба 15 млн. сомонї расонида шудааст.

Бонк дар ин давра, дар маљмўъ 23 млн. сомонї маблаѓњои андозу пардохтњои њатмиро аз рўи фаъолияти худ ба буљетњои љумњуриявї ва мањаллї гузаронидааст, ки дар муќоиса ба њамин давраи соли 2016 2,8 млн.сомонї ва ё 14% зиёд мебошад.

Дар давраи њисоботї тавассути филиалњои Бонк маблаѓњои андозу пардохтњои њатмї ќабул ва ба њисобњои дахлдор сари ваќт гузаронида шуданд. То имрўз фаъолияти Бонк дар ин самт муътадил буда, мушкилињо љой надоранд.

Имрўзњо 230 адад маркази хизматрасонии филиалҳои Амонатбонки шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурї ба барномаи “Ќабули пардохт” пайваст шудааст.

Бо маќсади шаффоф гаштани љараёнњои молиявї, танзими муомилоти наќдї дар иқтисодиёти ҷумҳурї, Бонк дар 255 нуќтаи савдо терминалњои худро насб намудааст, ки нисбат ба њамин давраи соли 2016 142 адад ва ё зиёда аз 2 маротиба зиёд мебошад. Корњо дар ин самт бомаром идома ёфта истодаанд.

Бояд ќайд намуд, ки Бонк бо маќсади таъмини шаффофияти њисоботњо, пешгирии хавфњои амалиётї ва омилњои инсонї, барномаи автоматикунонидашудаи њисоббаробаркунињои фаврї “Бархати пардохтњо”-ро барои ќабули маблаѓњои ќувваи барќ, об ва дигар хизматрасонињо харидорї намудааст. Айни њол ба ин барнома 170 нуќтањои хизматрасонии Бонк шомил карда шуданд.

Дар нимсолаи якуми соли љорї маблаѓњои коммуналї 628,7 млн. сомониро ташкил намудааст, ки нисбат ба њамин давраи соли 2016 229,6 млн. сомонї ё 58% зиёд мебошад. Маблаѓњои ќабулшуда сари ваќт ва бемамоният ба њисобњои дахлдор гузаронида шуданд.

Њамкориљои Амонатбонк бо ташкилотҳои молиявии байналмиллалӣ љињати ҷалби бештари сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар идома дошта, то ба имрўз Бонк 63,9 млн.доллари ИМА љалб намуда, дар 23 шањру ноњияи кишвар 50 лоињаи сармоягузорӣ барои рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти мамлакат амалӣ намуд.

Ба санаи 30 июни соли 2017 Бонк дар маҷмўъ аз ҳисоби маблаѓгузориҳои дохилию хориҷӣ ба 3,3 њазор нафар ба маблаѓи умумии 56 млн. сомонӣ маблаѓҳои қарзӣ пешниҳод намуд.

Њамчунин, тибќи ќарорњои Њукумати Љумњурии Тољикистон аз њисоби маблаѓњои Вазорати молияи љумњурї дар соли њисоботї ба омўзгорони љавон 839 њазор сомонї ва муњољирони ихтиёрию экологї 1,1 млн. сомонї ќарзњои дарозмуддати имтиёзнок пешниҳод шудааст.

Дар доираи њамкориљои дуљониба бо Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соњибкории назди Њукумати Љумњурии Тољикистон» дар маљмуъ ба 141 нафар соњибкорон дар њаљми 134,2 млн. сомонї маблаѓгузорї карда шудааст.

Бояд ќайд намуд, ки роњбарияти Бонк љињати иљрои сариваќтии дастуру супоришњои Асосгузори сулњу Вањдати миллї, Пешвои миллат, Президенти кишвар муњтарам Эмомалї Рањмон дар Паёми навбатї, бањри ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии амонатгузорон, пеш аз ҳама, нигоҳ доштани эътимоди аҳолӣ ва иҷрои уҳдадориҳои бонкӣ дар давраи њисоботї чораҳои фаврӣ андешид.

Дар натиља, боварии аҳолӣ ба Амонатбонк ҳамчун бонки давлатӣ ва вобаста ба муътадил будани вазъи пардохтпазирии Бонк дар давраи нињоят душвори осебпазир гардидани фаъолияти низоми бонкї дар кишвар, боз њам бештар гардид. Ин аст, ки баќияи амонатњои шахсони њуќуќї ва воќеии Бонк рӯз то рӯз афзуда истода, ба санаи 30 июни соли 2017 ба 2,3 млрд. сомонї расидааст, ки нисбат ба њамин давраи соли 2016 292 млн.сомонї ва ё 14% афзоиш ёфтааст. Ҳиссаи пасандозҳои аҳолӣ 50%-и ҳамаи амонатҳои ҷалбгардидаро ташкил менамояд. Дар натиља шумораи умумии пасандозгузорон дар Бонк нисбат ба њамин давраи соли 2016 235,5 њазор нафар зиёд шуда, ба 1,4 млн. нафар расидааст.

Фоизҳои ба аҳолӣ пардохташуда дар нимсолаи якуми соли љорї 40,5 млн. сомониро ташкил намуд, ки ин нишондињанда пеш аз њама ба сатњи даромаднокии аҳолї ва баланд бардоштани сатњи некўањволии мардум мусоидат намуд.

Амонатбонк бо маќсади баланд бардоштани сифати хизматрасонињои бонкї, зиёд намудани њаљми пардохтњои ѓайринаќдї, танзими муомилоти наќдї ва дар ин замина устувор нигоњ доштани ќурби пули миллї, дар самти фарогирии хизматрасонї тавассути кортњои пардохтии бонкї бо корхонаву ташкилотҳои гуногун корҳои фаҳмондадиҳиро идома дода, бо 7316 адад ташкилоту муассисањои буҷетї ва ѓайрибуљетї љињати гузаштан ба лоињаи “Музди мењнат” тавассути кортҳои пардохтии бонкї њамкориро ба роњ мондааст, ки нисбат ба њамин давраи соли 2016 937 адад зиёд мебошад.

Шумораи дорандагони кортњои пардохтии бонкї дар Бонк ба 1,3 млн. нафар расидааст, ки нисбат ба њамин давраи соли 2016 237,3 њазор нафар ва ё 23% зиёд мебошад.

Вобаста ба зиёд шудани шумораи дорандагони кортњои пардохтии бонкї, хусусан кортњои нафаќавї, теъдоди банкоматњои харидоришуда ба 222 адад ва постерминалњо ба 1030 адад расонида шуд.

Фаъолияти Бонк дар самти њисоббаробаркунињои ѓайринаќдї, ки яке аз фишангњои танзими муомилоти пулї ва таъмини суботи пули миллї мебошад, рушд ёфта истодааст. Имрӯзњо Амонатбонк бо 14 бонки хориљї бо истифода аз 46 суратњисоби корреспондентї ва 11 низоми интиќоли маблаѓњо њамкорї дорад.

Дар нимсолаи якуми соли љорї гардиши умумии ҳисоббаробаркуниҳои байнибонкї дар дохили ҷумҳурӣ 13,5 млрд. сомонӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои байналхалқї тавассути њисобҳои корреспондентӣ бо ифодаи умумӣ 928,7 млн. доллари ИМА-ро ташкил медињад.

Имрӯзњо Амонатбонк иќдоми фарогирї ба хизматрасонї тавассути кортњои пардохтии бонкиро дар 68 шањру нохияњои љумњурї бо теъдоди 650,5 њазор нафар нафаќагирон пурра ба итмом расонидааст. Дар Бонк интишор, фардикунонии кортҳои пардохтии бонкӣ ва хизматрасонї тавассути банкоматҳо ба нафақагирон ройгон ба роҳ монда шудааст.

Ба њолати 30 июни соли 2017 Амонатбонк ба шумораи умумии 655,4 њазор нафаќагирони маќомоти њифзи иљтимої бо талаботи маблаѓи моњонаи 183,8 млн. сомонї ва 21,2 њазор нафаќагирони маќомоти њифзи њуќуќ бо талаботи маблаѓи моњонаи 13,3 млн. сомонї хизматрасонї намудааст.

Бо маќсади таъмини амнияти дороињо, сарфаи харољотњои роњкиро ва ваќти нафаќагирон, сари ваќт огањї ёфтан аз воридшавии маблаѓ ба суратњисоб ва сарсон нагардидани онњо дар назди банкоматњо, ба нафаќагирон хизматрасонии смс-паёмакњо тавассути телефонњои мобилии онњо ба таври ройгон пешниҳод намуда истодааст.

Роњбарияти Бонк нисбат ба љалби кадрњои масъулиятноку баландихтисос, махсусан аз њисоби занон ва љавонон таваљљуњи хоса дорад. Айни замон, дар Амонатбонк 958 нафар занон фаъолият доранд, ки нисбат ба њамин давраи соли 2016 52 нафар зиёд мебошанд. Дар соња 38,9%-и шумораи умумии кормандони соњибтахассусро занон ташкил медињанд. Аз ин шумора 25 нафар дар сатњи роњбарикунанда фаъолият доранд.

Бояд ќайд намуд, ки дар ин давра, 65 нафар духтарон баъди хатми донишгоњњои олии кишвар тавассути озмун дар Бонк ба кор ќабул карда шуданд. Ин раванд тањти назорати доимии роњбарияти Бонк ќарор дошта, дар ин самт корњо бомаром идома доранд.

Дар нимсолаи якуми соли 2017 дар семинар - машваратњое, ки дар марказҳои гуногуни таълимии љумњурї баргузор гардиданд, 48 нафар кормандони Бонк дар шањри Душанбе ва 7 нафар дар хориљи

кишвар таҷрибаомӯзї намуда, шумораи 787 нафар кормандони филиалњои Бонк дар семинару машваратҳо дар дастгоњи марказии Бонк иштирок намуданд.

Дастгирии иҷтимоии табақаҳои осебпазири ҷомеа яке аз умдатарин њадафњои Бонк мебошад. Бонк њамасола дар арафаи љашну маросимњо ба табаќањои ниёзманди ањолї дар доираи имкониятњо кумакњои молиявї мерасонад.

Бонк дар нимсолаи якуми соли љорї 935,2 њазор сомонї кумаки моддї расонидааст, ки 37,8 њазор сомонии он ба табақаҳои осебпазири ҷомеа дастрас шудааст.

Амонатбонк дар асоси Амри Президенти Љумњурии Тољикистон аз 10.02.2014, №АП-159 барои аз љињати моддї дастгирї намудан, ба мактаб-парастишгоњи №1-и ноњияи Рӯдакї вобаста карда шудааст.

Дар арафаи Иди байналмилалии Наврӯз, Иди Саиди фитр ва 20 солагии Рӯзи Ваҳдати миллї бо маќсади дар сатњи баланд гузаронидани чорабинињои идона, барои кӯдакони мактаб-парастишгоњи мазкур дастархони идона ороста шуда, тибќи дархост ба маблаѓи умумии 17,7 њазор сомонї 3 адад ќолини калон ва лавозимоти варзишї харидорї шуда, болопӯши хобгоњи мактаб-парастишгоњ таъмир карда шуд.

Амонатбонк минбаъд ҳам, ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми чораҳои таъхирнопазир андешида, кӯшиш менамояд, ки дар рушду нумӯи иқтисодиёти кишвар саҳми арзандаи худро гузорад.

Маълумоти муфассалро оид ба фаъолияти БДА ҶТ «Амонатбонк» метавонед дар сомонаи Бонк www.amonatbonk.tj дастрас намоед.